“Тасдиқ мекунам”
Ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода,
доктори илмҳои филологӣ, профессор
_____ Гулназарзода Жило Бурӣ
«26» _____ соли 2022

ХУЛОСАИ

Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода доир ба диссертатсияи Киромуддинов Зиёрат Қиёмуддинович дар мавзуи **«Н.С. Тихонов ва адабиёти тоҷик»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ.

Диссертатсия дар мавзуи **“Н.С. Тихонов ва адабиёти тоҷик”** дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – Олимӣ Хосият Ҳоким, номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.

Мавзуи диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 25-уми декабри соли 2018, таҳти № 5 тасдиқ гардидааст.

Муҳокима ва экспертизаи даври якуми диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи назария ва таърихи адабиёти факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 25.02.2022, №7 гузаронида шудааст.

Диссертатсия ба шиносномаи ихтисос ва мухтавои он, ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мутобиқат менамояд.

Муҳиммияти таҳқиқи мавзуъ аз он иборат аст, ки дар рисола осӣри Н.С. Тихонов дар танқиди адабии тоҷик, мақолаҳои адабию публитсистӣ ва баромадҳояш роҷеъ ба адабиёти тоҷик, муносибати эҷодии шоир бо Мирзо Турсунзода ва Мирсаид Миршакар, хизматҳои Н.С.Тихонов дар ташаккул ва

инкишофи адабиёти сермиллати Шуравӣ, сифат ва аҳаммияти тарҷумаҳои адиб ба забони тоҷикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ҳамзамон, таҳқиқи мукотиботи ин адибон барои омӯзиши робитаҳои адабӣ дар замони Шуравӣ ва мавзуъҳои ба мушкилоти Шарқ бахшидаи шоирони мазкур муҳим дониста мешавад.

Ҳамзамон, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба сархати 9-и "Самтҳои афзалятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.09.2020, № 503)" иртибот дошта, масъалаи гиромидошти забону адабиёт, осори гаронарзиши ниёгон ва таҳқиқи он дар шароити кунунӣ яке аз масъалаҳои муҳимми муҳаққиқони ватанӣ дар рушди илми тоҷик ба шумор меравад.

Мақсади таҳқиқот. Дар рисола мақсад гузошта шудааст, ки нақш ва аҳамияти шаклҳои робитаҳои адабӣ, нигоҳи адиби пешоҳанги рус Н.С.Тихонов ба адабиёти тоҷик, муносибати дӯстонаи адибони русу тоҷик- Н.С.Тихонов, М.Турсунзода ва М.Миршакар дар ҳалли масоили Шарқ ва раванди тарҷумаи осори Н.С. Тихонов ба тоҷикӣ муайян карда шавад.

Дар асоси мақсади гузошташуда вазифаҳои зерини таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинӣ шудаанд:

– таҳқиқи рӯзгор ва осори Н.С.Тихонов;

– муайян намудани манбаъҳои таъсири Шарқ ба ҷаҳонбинии Н. С.Тихонов;

– таҳқиқи мақолаҳои адабӣ, публитсистӣ ва баромадҳои Н.С. Тихонов роҷеъ ба адабиёт ва фарҳанги тоҷик;

– таҳлил ва тафсири ғояҳои аслии сулҳпарваронаи Н. С.Тихонов, М. Турсунзода ва М.Миршакар;

– таҳлили ҳадафҳои инсонпарварии Н.С. Тихонов ва саҳми онҳо дар адабиёти собиқ кишварҳои Шуравӣ;

– омӯзиши дараҷаи таъсирпазирии мавзуи ягонаи адабиёти шуравӣ ба ашъори шоирони тоҷик;

– омӯзиши дараҷаи тарҷума дар замони Шуравӣ ва баррасии аҳаммияти он аз диди имрӯз;

– муайян намудани арзиши бадеии тарҷумаҳои осори Н.С.Тихонов ба забони тоҷикӣ.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки таҳқиқоти мазкур нахустин таҳқиқоти мукаммали илмии проблемаҳои мубрами робитаҳои адабии тоҷику рус, дар мисоли Н.С.Тихонов ва адаюиёти тоҷик ба ҳисоб меравад.

Дар таҳқиқоти илмӣ ба таври пурра ва бо диди дигар роҳҳои таъсирпазирии осори Н.С.Тихонов ба адабиёти тоҷик ва муошираты адабии ӯ бо шоирони тоҷик баррасӣ гардидааст.

Нукиашом асосӣ, ки ба ҳимоя бароварда шудаанд, инъикос меёбад.

1. Таҳқиқи ҳаёт ва фаъолияти шоири рус Н.С.Тихонов дар иртибот ба корномаи инсондӯстонаи ӯ роҷеъ ба ҳалли проблемаҳои Шарқ мавриди таҳлил қарор гирифта, маълум гардид, ки то имрӯз андешаҳои ин шоири озодихоҳ муҳим ва дорои арзишҳои баланди бадеию эстетикӣ мебошанд.

2. Даврони Шуравӣ дар рушди адабиёти миллӣ дар Осиёи Марказӣ нақши муассир бозида, рушди асосии тарҷумаи осори адибони рус ба забони тоҷикӣ ба аввалҳои асри XX рост меояд.

3. Таърихи тарҷумаи осори Н.С.Тихонов ба забони тоҷикӣ паҳлуҳои гуногунро, аз қабили вобаста ба анъанаҳои эҷодӣ ва жанрҳо фаро гирифтааст, ки бевосита таъсири шоирони муттарҷим дар тарҷумаи ашъори шоир мақоми шоистае дорад. Ҳунари тарҷумонии адибони тоҷик ҳангоми тарҷумаи ашъор ва осори мансури Н.С.Тихонов бисёр масъалаҳои робитаҳои адабиро байни мардуми тоҷику рус ҳаллу фасл намуда, барои омӯзиши марҳилаҳои ин пайвандҳои эҷодӣ кумак расонидааст.

Саҳми шахсии муҳаққиқ дар тамоми корҳои амаливу назарии вобаста ба мавзуъ анҷомдодааш, ки дар қисматҳои «Муқаддима»-и диссертатсия то ин ҷо ба қайд омад, зоҳир шуда, омодасозии мақолаву маърузаҳо ба шумори дастовардҳои диссертант дохил мешаванд.

Диссертатсия дар сатҳи хуби илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ пурра ҷавобгӯй аст. Автореферат ва мақолаи чопшудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд. Муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқшуда 6 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст.

А) Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1–М]. Киромуддинов, З. Изҳори самимият дар мукотибаи ду шоир // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2019. – №3 (80). – С. 164-168. ISSN 2219-5408

[2–М]. Киромуддинов, З. Мушкилоти масоили Шарқ ва ифодаи он дар андешаҳои адибони ҷаҳон / З.Киромуддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филолгӣ. – 2019. – № 4. – С. 258-260. ISSN 2413-516X.

[3–М]. Киромуддинов, З. Нигоҳе ба «Ҳикояҳо дар бораи Покистон»-и Н.Тихонов / З.Киромуддинов // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2019. – №1. – С.42-45. ISSN 2663-5534.

[4–М]. Киромиддинов, З. Нигоҳе ба тарҷумаи бадеӣ дар адабиёти тоҷик / З.Киромуддинов // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва теърих – 2021. – №2. – С. 55-64. ISSN 2226-9355.

Б) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:

[5–М]. Киромуддинов, З. Арзиши робитаҳои адабӣ / З.Киромуддинов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо"(22.12.2020). – Душанбе, 2020. – С.493-495

[6–М]. Киромуддинов, З. Рисолати шоирии Н.Тихонов - адиби сулҳпарвар / З.Киромуддинов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 110-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода / Маҷмуаи мақолаҳо аз конференсияи байналмилалии илмӣ -амалӣ бахшида ба 110 -солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода (ш.Душанбе, 03 -04 майи 2021). – Душанбе, 2021. – С.155-161.

[7–М]. Олимӣ, Х., Киромуддинов З. Ҷаҳони эҳсосоту андешаҳои мардуми ҳиндӣ дар шеъри М.Турсунзода / Х.Олимӣ, З.Киромуддинов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Мирзо Турсунзода ва кишварҳои Шарқ"// Маҷмуаи мақолаҳо аз конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ "Мирзо Турсунзода ва кишварҳои Шарқ" (ш.Душанбе, 30 майи соли 2021). – Душанбе, 2021. – С.198-205.

Муҳтавои диссертатсия дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Институти омӯзиши масъалаҳои Осиё ва Аврупои АМИТ мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти рисоларо дар улуми адабиётшиносӣ, фарҳангшиносӣ, барои таълифи китобҳои дарсии академӣ ва донишгоҳии таърихи адабиёти тоҷик метавон истифода намуд.

Ташқиқоти диссертатсионӣ аз аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат мебошад.

Бобҳои диссертатсия мутобиқи мақсаду вазифаҳои гузошташуда тарҳрезӣ шуда, баррасию таҳқиқ дар сатҳи баланди илмӣ қарор дорад. Хулосаҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия мувофиқ мебошанд.

Ҷаласа пас аз баррасии масъалаи мазкур ва фикру андешаҳои баёнгардида,

Қ А Р О Р Қ А Б У Л К А Р Д:

1. Диссертатсияи Киромуддинов Зиёрат Қиёмуддинович дар мавзуи **«Н.С. Тихонов ва адабиёти тоҷик»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи "Тартиби додани

дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Таҳқиқоти диссертатсионии Киромуддинов Зиёрат Қиёмуддинович дар мавзуи **«Н.С. Тихонов ва адабиёти тоҷик»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ барои дифоъ ба шурои диссертатсионии 6О.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети филологияи тоҷики Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 23.04.2022, №9-5/4 қабул шудааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: **14 нафар.**

Натиҷаи овоздиҳӣ:

«ҷонибдор» – 14 нафар;

«муқобил» – нест;

«бетараф» – нест.

Протоколи № 9-5/4 аз 23 апрели соли 2022.

Раисикунанда: раиси Шурои олимони факултети филологияи тоҷики ДДЗТ ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент — Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович

Ташхисгарон:

доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони русии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкорӣ — Рустамова Гуландом Рустамовна

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи филологияи Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубии ДДЗТ ба номи СотимУлуғзода — Саидзода Вайсиддин Саид

Котиби ҷаласа: котиби Шурои олимони факултети филологияи тоҷик — Ашӯрова Матлуба Бобомуродовна

Имзоҳои Абдураҳимов Б.А., Рустамова Г.Р., Саидзода В.С ва Ашӯров М.Б.-ро тасдиқ мекунам:
мудири шуъбаи кадрҳои ДДЗТ ба номи С.Улуғзода — Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович

Нишонӣ: 734019, ш.Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода.
Тел.: (+992) 372325000; Факс: (+992) 372325003;
Сомона: www.ddzt.tj; E-mail: ddzt@ddzt.tj